ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Раҷабзода Дилшод Амиралӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои педагогии мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ҳамчун - асоси иҷтимоишавии шахсият дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ)

Равандҳои навини рушди ҷомеаи тоҷик ва ислоҳоти низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи иҷтимоишавии шахсияти донишҷӯро ба яке аз марказии педагогикаи муосир табдил додааст. Мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимии донишгоҳ на танҳо ҷанбаи психологӣ, балки ҷанбаи педагогӣ-иҷтимоии равшан дорад. Диссертанти мӯҳтарам Раҷабзода Дилшод Амиралӣ ин масъаларо аз нуқтаи назари педагогикаи иҷтимоӣ мавриди таҳлил қарор дода, нақши муассисаи таълимӣ ҳамчун муҳити иҷтимоишавии шахсиятро дар маркази таваҷҷуҳ гузоштааст.

Аз ҷиҳати мазмуни назариявӣ диссертант тавонистааст байни мафҳумҳои «мутобиқшавии иҷтимоӣ» ва «иҷтимоишавии шахсият» пайванди мантиқӣ барқарор намуда, нишон диҳад, ки мутобиқшавии муваффақ зина ва шарти зарурии иҷтимоишавии пурраи шахсият дар давраи таҳсили олӣ мебошад. Ин ёфтаи назариявӣ аз нуқтаи назари педагогикаи иҷтимоӣ арзишmand аст.

Аз ҷиҳати таҷрибавӣ натиҷаҳои озмоиши педагогии гузаронидашуда самаранокии модели методии пешниҳодшударо тасдиқ менамоянд. Барномаи дастгирии педагогии донишҷӯён дар доираи ташкили таҷрибаомӯзии педагогӣ ва таълими фанҳои педагогӣ таҳия гардидааст, ки онро дар амалия мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

Саҳми шахсии унвонҷӯ дар таҳияи диссертатсия аз интихоби мавзуъ, коркарди асосҳои назариявии мутобиқшавии иҷтимоӣ-педагогӣ, ташкил ва гузаронидани озмоиш ва таҳлили натиҷаҳои бадастомада иборат мебошад.

Ба сифати мулоҳизаҳои интиқодӣ метавон қайд намуд:

1. Хуб мешуд, ки нишондиҳандаҳои омории натиҷаҳои озмоиши педагогӣ дар автореферат бо тафсилоти бештаре пешниҳод мегашт, то хонанда имкони муқоисаи нишондиҳандаҳои ибтидоӣ ва ниҳоии гурӯҳҳои санҷишӣ ва назоратиро дошта бошад.

2. Дар матни автореферат ҷо-ҷо норасогиҳои хусусияти имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо матни автореферат ба маврид аст.

Камбудиҳои қайдшуда хусусияти умумии таҳқиқотро коста насохта, метавонанд дар корҳои минбаъдаи муаллиф ба инобат гирифта шаванд.

Бо вуҷуди мулоҳизаҳои зикршуда, бояд таъкид намуд, ки таҳқиқот аз лиҳози мантиқи дохилӣ ва пайдарҳамии пешниҳоди мавод хуб ба роҳ монда шудааст. Масъалаҳои назариявӣ, методӣ ва таҷрибавӣ бо ҳамдигар робитаи зич дошта, натиҷаҳои бадастомада ба ҳалли вазифаҳои асосии таҳқиқот равона гардидаанд. Ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф раванди таҳқиқотро бо риояи талаботи корҳои илмии тахассусӣ анҷом додааст.

Арзиши дигари кор дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои пешниҳодшуда имкони истифодаи минбаъдаро дар фаъолияти илмӣ-методӣ ва тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти олӣ фароҳам меоранд. Махсусан, андешаҳои муаллиф вобаста ба ташкили дастгирии иҷтимоию педагогии донишҷӯён метавонанд ҳангоми таҳияи барномаҳои куратории, чорабиниҳои тарбиявӣ ва низоми ҳамкории омӯзгор бо донишҷӯёни навқабул мавриди истифода қарор гиранд.

Ҳамчунин, таҳқиқоти анҷомдодашуда барои идомаи омӯзиши масъалаҳои марбут ба мутобиқшавӣ, рушди иҷтимоӣ ва ташаккули касбии донишҷӯён заминаи муайян фароҳам меорад. Доираи масъалаҳои матраҳшуда нишон медиҳад, ки мавзуи интихобшуда дорои имкониятҳои васеи пажӯҳиши минбаъда буда, метавонад дар робита бо хусусиятҳои синнусолӣ, муҳити иҷтимоӣ, самти тахассус ва шароити мушаххаси муассисаҳои таҳсилоти олӣ боз ҳам амиқтар мавриди омӯзиш қарор дода шавад.

Муҳим он аст, ки натиҷаҳои таҳқиқот дорои хусусияти низомнок буда, ҷанбаҳои гуногуни мутобиқшавии донишҷӯёнро дар муҳити таҳсилоти олӣ фаро мегиранд. Муаллиф тавонистааст масъалаи мазкурро бо назардошти робитаи байни фаъолияти таълимӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ ва рушди шахсии донишҷӯ таҳлил намояд. Чунин муносибат барои амиқтар дарк намудани моҳияти мутобиқшавии иҷтимоию педагогӣ мусоидат намуда, аҳамияти натиҷаҳои бадастомадаро барои назария ва амалияи педагогикаи иҷтимоӣ таквият мебахшад.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Раҷабзода Дилшод Амиралӣ аз ҷиҳати мубрамияти мавзуъ, дурустии таркиб ва ҳаҷми таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявию амалии натиҷаҳо ба талаботи муқаррагардида ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
мудири кафедраи фанҳои гуманитарии Академияи сайёҳии
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва сохибкории Тоҷикистон Акрамова М.Ҳ.

Нишонӣ: 734055 шахри Душанбе, хиёбони Борбад 48/5,
Тел.: (+992) 009091126; E-mail: mohakaramova@mail.ru

02.10.2026 с.

Имзои н.и.п., дотсент Акрамова М.Ҳ.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳои
МД. Академияи сайёҳии
МД. Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва сохибкории Тоҷикистон Раҳимов Р.